Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-126 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Суроға:734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17).

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи "Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

Тағйироти босуръат ва ислоҳоти пайвастаи низомҳои танзими бозорҳои молиявӣ, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба назар мерасанд, пеш аз ҳама, ба зарурати мутобиқ намудани механизмҳои танзимкунӣ ба равандҳои нави ташаккул ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ алоқаманд мебошанд. Дар ин замина, ҷаҳонишавии молиявӣ ва таъсири гуногунҷанбаи он яке аз омилҳои калидии бознигарии низомҳои муосири танзими молиявӣ дар кишварҳои алоҳида ба ҳисоб меравад. Таъсири мазкур ба низоми танзими бозори молиявӣ дар якчанд самт зоҳир мегардад, аз ҷумла густариши технологияҳои нав ва афзоиши суръати навовариҳо дар соҳаи молия, тағйирёбии самтҳои сиёсати иқтисодӣ барои ташаккул ва густариши намудҳои нави маҳсулот ва воситаҳои молиявӣ ва инчунин, норавшан будани фарқияти байни суғурта, маҳсулоти бонкӣ ва коғазҳои қиматнок, ки тақсимоти анъанавии соҳаҳои назоратро байни танзимгарони гуногун зери суол мебарад ва дар натиҷа танзими мураккабро ба вуҷуд меорад.

Танзими давлатии молиявӣ яке аз омилҳои муҳимми таъсиррасон ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, таъмини баробарии имкониятҳои иқтисодӣ ва таҳкими адолати иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, танзими самараноки молиявӣ дар ташаккули заминаҳои зарурӣ барои рушди мутавозин, фарогир ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ одилонаи иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим мебозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми танзими молиявӣ бо мақсади таҳкими суботи молиявӣ ва такмили пайвастаи сохтору механизмҳои амалкунанда дар ҳоли рушд ва такмил қарор дорад.

Маҳз дар ин замина омӯзиши танзими давлатии молиявӣ яке аз омилҳои муҳимми таъсиррасон ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, таъмини баробарии имкониятҳои иқтисодӣ ва таҳкими адолати иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, танзими самараноки молиявӣ дар ташаккули заминаҳои зарурӣ барои рушди мутавозин, фарогир ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ одилонаи иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим мебозад.

Танзими давлатии молиявӣ яке аз омилҳои муҳимми таъсиррасон ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, таъмини баробарии имкониятҳои иқтисодӣ ва таҳкими адолати иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, танзими самараноки молиявӣ дар ташаккули заминаҳои зарурӣ барои рушди мутавозин, фарогир ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ одилонаи иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим мебозад.

Муаллиф дар автореферат масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими молиявиро мавриди пажуҳиш қарор дода, принсипҳо ва усулҳои асосии низоми танзими молиявии рушди иқтисодиётро дар саҳифаи 19-уми автореферат дар расми 2, муайян намуда, механизмҳои татбиқи онҳоро ба таври мушаххас шарҳ додааст. Ҳамчунин, муаллиф илман собит намудааст, ки татбиқи дурусти принсипҳои зикршуда ва истифодаи оқилонаи воситаҳои гуногуни танзими молиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтисодӣ, коҳиш додани хавфҳои эҳтимолӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Ҷанбаи муҳими дигари авторефрат дар он ифода меёбад, ки муаллиф тадбирҳои такмили танзими молиявӣ, усулҳои баланд бардоштани самаранокии механизмҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир, инчунин дурнамои рушди ин низом то соли 2030 мавриди таҳлил, асосноккунӣ ва арзёбӣ қарор дода, самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти шароити кунунӣ дар саҳифаи 29-уми авторефрат дар расми 4 муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда, барои татбиқи амалии онҳо маҷмуи механизмҳои мушаххасро таҳия ва пешниҳод намудааст.

Дар автореферат ҳамчунин дар асоси маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф таҳлили коррелиятсиониву регрессионӣ анҷом дода шуда, дурнамои нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар барои то соли 2030 дар саҳифаи 35-уми автореферат дар ҷадвали 6 таҳия ва пешкаш карда шудааст, ки арзиши таҳқиқоти мазкурро боз ҳам баланд мебардорад.

Тавре аз автореферат мушоҳида мегардад, аҳаммияти амалии таҳқиқот дар таҳияи пешниҳоду тавсияҳои мушаххас оид ба такмил ва рушди механизмҳои танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки яке аз омилҳои калидии таҳкими пояҳои рушди устувори иқтисодӣ ва фароҳам овардани замина барои иштироки фаъолтари кишвар дар равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад. Хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар рафти кор баён шудаанд, метавонанд дар такмили механизмҳо ва воситаҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидати ҳамаҷониба намоянд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти илмӣ, баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, аз ҷумла;

- муаллиф дар автореферат дар саҳифаи 27-ум дар расми 3, модели консептуалии танзими молиявиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод намуда, ишора намудааст, ки модели мазкур ба таъмини суботи низоми молиявӣ нигаронида шудааст, вале ба таври муфассал онро мавриди тавсиф ва асосноксозӣ қарор надодааст.

Дар ниҳоят бояд гуфт, ки эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқотро коҳиш намедиҳад.

Ҳамин тавр, бо назардошти аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Тақризиҳанда:
н.и.и.,и.в.дотсент
мудири кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҷабова З.Ҷ.

Дурустии имзои н.и.и.,и.в.дотсент Раҷабова З.Ҷ. **– ро тасдиқ менамоям:**

Сардори Раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорати ДТТ Абдуназаров А.Ҷ.

Суроға: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, тел./факс (+992 37) 234-79-87, 234-79-88, www.tut.tj; rectorat-tut@mail.ru

«14» 11 2026 с.